ХУЛОСАИ

шурои диссертатсионии 6D.КОА-039 назди Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ

Парвандаи аттестатсионии № _____

Қарори шурои диссертатсионӣ аз 29 сентябри соли 2026, №11

Барои сазовор донистани Кашкулоев Маҳмадназар Шарипович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ.

Диссертатсия дар мавзуи «Мониторинги эпизоотологию эпидемиологӣ ва чораҳои мубориза бар зидди брутселлёзи қӯтосҳо дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон» аз рӯйи ихтисоси 4.3.2. Микробиологияи ветеринарӣ (вирусшиносӣ, эпизоотология, занбӯруғшиносӣ бо захрзанбӯруғшиносӣ ва масуниятшиносӣ) ба ҳимоя 17 июли соли 2026 қабул карда шуд, протоколи №26 шурои диссертатсионии 6D.КОА-039 назди Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон (АИКТ). Суроға: 734005, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Қаҳҳоров, 43; тел. (992) 37-2275192 // E-mail: iveterinari@mail.ru, ки бо фармони Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (№135/шд аз 29 майи соли 2023) тасдиқ шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Кашкулоев Маҳмадназар Шарипович 01 апрели соли 1961 дар ноҳияи Рашт таваллуд шудааст. Соли 1983 факултети ветеринарии Донишкадаи хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон (Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур) – ро бо ихтисоси духтури ветеринарӣ хатм кардааст.

Кашкулоев М.Ш. айни замон ба ҳайси ходими пешбари илмии шуъбаи паразитологияи Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар озмоишгоҳи беморихои бактериявӣ ва зоонозии Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Маркази ташхиси байтории ноҳияи Мурғоби Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва Маркази миллии ташхиси бехатарии озуқавории Кумитаи бехатарии озуқавории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ - Расулов Сунатулло Абдурасулович, номзади илмҳои ветеринарӣ, мудири озмоишгоҳи беморихои бактериявӣ ва зоонозии

Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон.

Муқарризони расмӣ:

Турдиев Шамсулло Абдуллоевич - доктори илмҳои биологӣ, дотсент, профессори кафедраи ҷарроҳӣ, қобилагӣ ва табобатии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур;

Саторов Саидбег - доктори илмҳои тиббӣ, профессори кафедраи микробиология, вирусология ва иммунологияи Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон ба диссертатсия тақризи мусбат додаанд.

Муассисаи пешбар: Институти масоили амнияти биологӣ ва биотехнологияи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон дар хулосаи мусбати худ, ки аз тарафи мудири озмоишгоҳи бемориҳои бахусус хавфноки чорво, н.и.в. Давлатов С.Х., ходими пешбари илмӣ, н.и.в. Исматов И.А. ва муовини директор оид ба амнияти биологӣ ва инноватсия, н.и.в. Маҳмудов К.Б. имзо ва аз ҷониби директори муассиса, д.и.в. Абдуллозода А.О. тасдиқ шудааст, қайд шуд, ки кори диссертатсионии Кашкулоев М.Ш. аз рӯйи муҳтавою навоварии илмӣ, сатҳи методологӣ ва аҳаммияти амалӣ ба талаботе, ки ба рисолаҳои номзадӣ дар ихтисоси зикршуда муроҷиат мешавад, пурра мувофиқ аст.

Номзад **12 корҳои илмии чопшуда** дорад, ки дар онҳо мавқеъҳои асосии диссертатсия баён шудаанд, аз ҷумла **8 мақола** дар маҷаллаҳое, ки аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия дода шудаанд, нашр гардидаанд. Мақолаҳо муҳимтарин натиҷаҳои асосии тадқиқотро дар мавриди омузиши вазъи эпизоотию эпидемиологии брутселлёзи кӯтосҳо, ташхиси серологӣ ва бактериологии он, инчунин самаранокии ваксинаҳои зидди брутселлёз дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон инъикос мекунанд.

Номгӯйи мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд:

[1-М] Кашкулоев М.Ш. Ташхиси серологии брутселлёзи кӯтосҳо дар минтақаҳои баландкӯҳи Тоҷикистон / М.Ш. Кашкулоев // Доклады ТАСХН. 2018. №1. С. 65 - 68.

[2-М] Кашкулоев М.Ш. Влияние инфекционных заболеваний на развитие яководства: проблемы, актуальность и пути решения / М.Ш. Кашкулоев, С.А. Расулов, С.М. Косимов, Х.Г. Мукимзода // Кишоварз. 2025. №3 (108). С. 106 - 111.

[3-М] Кашкулоев М.Ш. Бактериологическое исследование бруцеллёза у яков в Горно-Бадахшанской автономной области

Республики Таджикистан / М.Ш. Кашкулоев, С.А. Расулов, С.М. Косимов, Х.Г. Мукимзода // Известия Национальной академии наук Таджикистана. 2025. №3 (230). С. 150 - 157.

[4-М] Кашкулоев М.Ш. Серологический мониторинг бруцеллеза среди яков в Мургабском районе ГБАО / М.Ш. Кашкулоев, С.А. Расулов, С.М. Косимов // Доклады ТАСХН. 2025. №3 (85). С. 145 - 150.

[5-М] Кашкулоев М.Ш. Эколого-географические и климатические особенности ведения животноводства в Таджикистане / К.А. Одинаев, М.А. Мирбеков, И.Х. Раджабов, М.Ш. Кашкулоев // Известия Национальной академии наук Таджикистана. 2025. №3 (230). С. 127 - 136.

[6-М] Кашкулоев М.Ш. Анализ ситуации по бруцеллёзу среди животных и людей в Горно-Бадахшанской автономной области и Республике Таджикистан / С.А. Расулов, М.Ш. Кашкулоев, С.М. Шоева, С.М. Косимов, Х.Г. Мукимзода // Известия Национальной академии наук Таджикистана. 2025. №3 (230). С. 137 - 150.

[7-М] Кашкулоев М.Ш. Кольцевая реакция как метод экспресс-диагностики бруцеллёза в молоке яков / М.Ш. Кашкулоев, С.А. Расулов, С.М. Косимов, Х.Г. Мукимзода // Доклады ТАСХН. 2025. №4 (86). С. 167 - 173.

[8-М] Кашкулоев М.Ш. Ретроспективный анализ серологических показателей у яков после вакцинации и ревакцинации вакцинами из штаммов Brucella abortus 19 и 82 / М.Ш. Кашкулоев, С.А. Расулов // Доклады ТАСХН. 2026. №1 (87). С. 158 - 166.

Мақолаҳои дар дигар маҷаллаҳои даврӣ нашргардида:

[9-М] Кашкулоев М.Ш. Брутселлёзи қӯтос, роҳҳои пешгирӣ ва мубориза бо он / М.Ш. Кашкулоев, А. Муминов // Усулҳои инноватсионӣ ва муосири ташхис ва пешгирии бемориҳои сироятию инвазионии чорво ва паранда. - Душанбе, 2019. С. 55 - 59.

[10-М] Кашкулоев М.Ш. Бруцеллез среди животных и людей / М.Ш. Кашкулоев, С.А. Расулов, С.М. Косимов, Х.Г. Мукимзода // Усулҳои инноватсионӣ ва муосири ташхис, пешгирӣ ва табобати бемориҳои сироятӣ дар парандапарварӣ ва чорводории саноатӣ: маводи конференсияи илмию амалии байналмилалӣ. -Душанбе, 2025. С. 216 - 218.

[11-М] Кашкулоев М.Ш. Қӯтоспарварӣ – самти ояндадори соҳаи чорводорӣ дар минтақаҳои баландкӯҳи Тоҷикистон / М.Ш. Кашкулоев, С.А. Расулов, С.М. Қосимов, Х.Г. Муқимзода // Усулҳои инноватсионӣ ва муосири ташхис, пешгирӣ ва табобати бемориҳои сироятӣ дар

парандапарварӣ ва чорводории саноатӣ: маводи конференсияи илмию амалии байналмилалӣ -Душанбе, 2025. С. 240 - 243.

[12-М] Кашкулоев М.Ш. Экологические особенности проявления бруцеллёза яков в Горно - Бадахшанской Автономной области Таджикистана / М.Ш. Кашкулоев, С.А. Расулов // XXVIII Международный научно-практический форум «Аграрная наука - сельскохозяйственному производству СНГ и BRICS», посвящённый памяти академика РАН А.С. Донченко: сборник научных докладов. - Краснообск, 2026. С. 818 - 821.

Ба автореферати диссертация 6 адад тақризҳои мусбат аз ҷониби олимону мутахассисони зерини соҳа ворид шудаанд:

1. Доктори илмҳои ветеринарӣ, профессори кафедраи микробиология ва эпизоотологияи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур **Ёрбоев Н.**;
2. Доктори илмҳои тиб, профессори кафедраи беморихои сироятии МДТ "ДДТТ ба номи Абӯалӣ Ибни Сино" **Рахмонов Э.Р.**;
3. Номзади илмҳои ветеринарӣ, директори Институти тибби ветеринарии АИКТ **Атовуллозода Р.А.**;
4. Номзади илмҳои ветеринарӣ, дотсент, мудири кафедраи бехдошти ветеринарии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур **Иматшоев И.Х.**;
5. Номзади илмҳои кишоварзӣ, Вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини раиси Кумита оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин **Икромӣ Ф.М.**;
6. Номзади илмҳои ветеринарӣ, ҳамоҳангсозии бахши байторӣ ва бехатарии озуқавории Муассисаи давлатии "Рушди соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ" **Шукурзода Ш.Р.**

Тақризҳои пешниҳодшуда мусбат буда, муқарризони ғайрирасмӣ муҳиммияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ, навоварӣ ва дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид кардаанд. Муайян карда мешавад, ки рисолаи илмии Кашкулоев М.Ш., ки ба ихтисоси 4.3.2. Микробиологияи ветеринарӣ (вирусшиносӣ, эпизоотология, занбӯруғшиносӣ бо захрзанбӯруғшиносӣ, масуниятшиносӣ) мувофиқ аст ва муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевосита дар соҳаи илми ветеринарӣ буда, дар корҳои илмию тадқиқотӣ фаъолона иштирок карда, дар ин

самт мақолаҳои зиёде таълиф намудаанд, ки мазмун ва мухтавои онҳо ба диссертатсияи мазкур наздикӣ дорад.

Муассисаи пешбар яке аз муассисаи бонуфуз дар назди Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон ба шумор рафта, бо мутахассисони варзидаи худ дар самти таҳқиқу таҳлили масоили бемориҳои сироятии ҳайвонот маъруф мебошад.

Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Кашкулоев М.Ш. дар асоси иҷро кардани тадқиқи илмӣ дар мавзуи «Мониторинги эпизоотологию эпидемиологӣ ва чораҳои муборизa бар зидди брутселлёзи қӯтосҳо дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон» як қатор масъалаҳо пешкаш карда шудаанд:

коркард карда шуд: маҷмӯи ташхисҳои серологӣ (АРБ, АА, АПК, ТИФ ва АҲ) ва бактериологӣ (бактериоскопӣ, биологӣ ва биокимиёвӣ), ки истифодаи онҳо имконият фароҳам овард то барангезандаи брутселлёз бо муайян намудани биоварҳои он ошкор карда шавад ва мансубияти барангезандагони ҷудошуда ба намудҳои *Brucella abortus* ва *Brucella melitensis* бо усули аксуламали занҷираи полимеразӣ (АЗП) дар гели агарозӣ тасдиқ карда шуд;

пешниҳод шудааст: барои хоҷагиҳои қӯтоспарварии ноҳияҳои баландкӯҳи ВМКБ ҷорӣ намудани мониторинги мунтазами серологию бактериологии брутселлёз бо истифодаи маҷмӯи усулҳои АРБ, АА, АПК, ТИФ, АҲ ва АЗП, инчунин истифодаи ваксинаи хайли 19 ҳамчун воситаи афзалиятноки пешгирии мушаххас дар байни қӯтосҳо;

исбот карда шуд: аз рӯйи натиҷаҳои мониторинги серологии солҳои 2013–2022, аз 3127 намунаи хуни қӯтосҳои ташхисшуда ба 340 сари он ҷавоби мусбат нисбат ба брутселлёз гирифта шуд (сатҳи умумии сироятёбӣ - 10,87%); муқоисаи усулҳои ташхисӣ нишон дод, ки таҳлили иммуноферментӣ (ТИФ) нисбат ба аксуламалҳои анъанавии серологӣ (АРБ, АА, АПК) ҳассосияти баландтар дошта, 0,92%-и ҳолатҳои иловагии сироятро ошкор менамояд;

ҷорӣ намудани маҷмӯи такмилёфтаи ташхиси серологию бактериологӣ бо тасдиқи молекулавии АЗП ба Маркази ташхиси байтории ноҳияи Мурғоб ва хоҷагиҳои қӯтоспарварии ВМКБ имконият дод, ки манбаъҳои пинҳонии сироят сари вақт ошкор ва чораҳои зиддиэпизоотӣ дар шароити хоҷагиҳои дурдасти баландкӯҳ бидуни таъхир татбиқ карда шаванд;

Аҳаммияти назариявии тадқиқ бо он асоснок карда шудааст, ки ҳаҷми кофии маводи тадқиқотӣ, таҳлили ҳамаҷонибаи натиҷаҳои бадастомада ва интишори онҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда

асоснок карда шудааст. Хулосаҳо ва тавсияҳои амалӣ ба таҳлили илмии натиҷаҳои тадқиқот мутобиқ буда, пурра ба маълумоти таҷрибавии бадастомада такя мекунанд.

Маводи диссертатсионӣ метавонад дар такмили ихтисоси мутахассисони соҳаи ветеринарӣ дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ, ҷиҳати ташхиси дақиқ ва саривақтии брутселлёз, инчунин дар раванди таълим ҳангоми гузаронидани дарсҳо аз фанҳои эпизоотология ва микробиология дар институту факултетҳои тибби ветеринарӣ мавриди истифода қарор дода шавад.

баён шудани хусусиятҳои эпизоотологию ҷуғрофии қӯтоспарварии ВМКБ, ки бо шароити хоси баландкӯҳи Помир (мавҷудияти зиёда аз 1,2 млн. гектар чарогоҳ, кӯчиши мавсимии чорво ва нақши бартаридоштаи хоҷагиҳои хурди хусусӣ, ки дар ноҳияи Мурғоб зиёда аз 90%-и истеҳсоли гӯшту ширро таъмин мекунанд) алоқаманд буда, боиси мушкилоти амалии ошкорсозии саривақтии беморӣ ва нигоҳдории дарозмуддати манбаъҳои пинҳонии сироят дар хоҷагиҳои инфиродӣ мегарданд;

ошкор гардид: дар давраи солҳои 2010–2024 дар ҷумҳурӣ 12 070 ҳодисаи брутселлёз дар байни одамон ба қайд гирифта шудааст, ки аз он 2015 ҳодиса (16,7%) ба кӯдакони то 17-сола рост меояд; дар ВМКБ 3175 ҳодиса муайян карда шуд, ки 301 ҳодиса (9,5%) ба кӯдакон тааллуқ дорад; нишондиҳандаҳои беморӣ аз 31,25 то 63,78 ба 100 ҳазор аҳолӣ тағйир ёфта, ба ҳадди ниҳоии 217,53 ҳодиса расидан сатҳи баланди фаъолшавии сирояти табиӣ-манбаъро инъикос намуда, робитаи зичи вазъи эпизоотию эпидемиологиро тасдиқ мекунад;

омӯхта шуд: таъсири шароити табиию иқлимии минтақаҳои баландкӯҳи ВМКБ ба хусусиятҳои нигоҳдорию парвариши қӯтос, инчунин дар шароити истеҳсолии хоҷагии «Ак-Сув»-и ноҳияи Мурғоб дар 40 сар қӯтосҳои 6–8-моҳа (2 гурӯҳи 20-сара) самаранокии муқоисавии ваксинаҳои хайлҳои 19 ва 82, бехатарии клиникӣ ва динамикаи титри антителаҳо дар рӯзҳои 30, 60 ва 90-уми пас аз эмгузаронии аввалия ва такрорӣ омӯхта шуданд;

аз нав такмил додани усули фаврӣ бо истифодаи аксуламали ҳалқавӣ (АҲ) дар шир, ки дар якҷоягӣ бо маҷмӯи усулҳои тасдиккунандаи серологӣ (АРБ, АА, АПК, ТИФ) татбиқ гардида, барои ошкорсозии саривақтии қӯтосҳои сироятёфта бидуни зарурати гирифтани намунаи хун дар шароити хоҷагиҳои дурдасти баландкӯҳ имконияти амалӣ фароҳам меорад;

Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқ карда мешавад:

1. «Дастурамал оид ба омӯзиши эпизоотологияи канории брутселлёз», ки 13 феврали соли 2015 аз ҷониби Шурои илмӣ - техникии Хадамоти назорати давлатии байторию Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст;

2. Дастурамали методии «Тартиби гузаронидани ташхиси бактериологии брутселлёзи ҳайвонот», ки аз ҷониби Раиси Кумитаи бехатарии озуқаворию назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 майи соли 2024 тасдиқ шудааст.

Натиҷаҳои бадастомадаи тадқиқот метавонанд барои омӯзгорон, донишҷӯён, аспирантҳо, докторантҳо ва магистрҳои институту факултетҳои тибби ветеринарӣ ва биологӣ ҳамчун дастури таълимӣ истифода шаванд.

муайян карда шуд: динамикаи брутселлёзи чорвои калони шохдор дар ВМКБ бо тағйирёбии назаррас ва зиёд будани нишондиҳандаи беморӣ нисбат ба сатҳи ҷумҳуриявӣ тавсиф мешавад (8,47–230,84 нисбат ба 5,94–37,21 ҳодиса ба 100 ҳазор сар), дар ҳоле ки сатҳи эмгузаронӣ хеле паст боқӣ мемонад (дар ВМКБ аз 0,16% то 0,93%), ки зарурати ҷорӣ намудани эмгузаронии мунтазам ва фарогирии минтақаро асоснок менамояд;

офарида шуд: заминаи илмӣ-амалӣ барои такмили минбаъдаи низоми мониторинг ва назорати эпизоотологии брутселлёзи қӯтосҳо дар минтақаҳои баландкӯҳи ҷумҳурӣ, ки ба он натиҷаҳои таҳлили муқоисавии вазъи эпизоотию эпидемиологӣ, арзёбии самаранокии усулҳои мавҷудаи ташхис ва натиҷаҳои санҷиши муқоисавии ваксинаҳо асос ёфтаанд; заминаи офаридашуда имконият медиҳад, ки дақиқӣ ва эътимоднокии ташхис баланд бардошта шуда, чорабиниҳои зиддибрутселлёзӣ дар хоҷагиҳои қӯтоспарварӣ самаранок ба роҳ монда шаванд;

муаррифӣ карда шуд: натиҷаҳои тадқиқот дар семинари илмию амалӣ оид ба бемориҳои зоонозӣ (ноҳияи Ишкошими ВМКБ, 2013), конфронси байналмилалӣ оид ба пешгирии сироятҳои фаромарзии ҳайвонот (Душанбе, 2014), инчунин дар як қатор чорабиниҳои илмию истеҳсолии солҳои 2014–2020, конфронсҳои илмии олимони ҷавони Институти тибби ветеринарӣ ва семинарҳои илмию амалии байниноҳиявӣ ва минтақавӣ ба мутахассисони соҳаи байторӣ муаррифӣ ва мавриди муҳокима қарор дода шуданд;

Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқот: Кори диссертатсионии Кашкулоев Маҳмадназар Шариповичдар сатҳи баланди илмӣ ва методологӣ иҷро гардидааст. Хулосаҳои асосии

диссертатсия дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи маълумоти эпизоотологӣ, эпидемиологӣ, серологӣ ва бактериологӣ таҳия шуда, дорои асоснокии илмӣ ва аҳаммияти амалӣ мебошад.

Саҳеҳият ва эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада бо ҳаҷми кофии маводи оморӣ ва таҷрибавӣ (беш аз 4,6 миллион сар чорвои калони шохдори тадқиқшуда, 3127 намунаи хун, 1258 намунаи шир, 106 намунаи бактериологӣ), истифодаи усулҳои муътамад ва стандартии тадқиқотии Созмони ҷаҳонии тандурустии ҳайвонот, инчунин мутобиқати натиҷаҳои усулҳои гуногуни ташхис (серологӣ, бактериологӣ, АЗП) тасдиқ карда мешавад. Истифодаи ин усулҳо имконият дод, ки сатҳи баланди дақиқӣ ва такроршавандагии натиҷаҳои тадқиқот таъмин карда шавад.

Ғоя ба таҳлили натиҷаҳое асос ёфтааст, ки дар ҷараёни гузаронидани мониторинги бисёрсолаи эпизоотологӣ ва эпидемиологии брутселлёз, ташхиси серологию бактериологии кӯтосҳо ва арзёбии муқоисавии самаранокии ваксинаҳо дар минтақаҳои баландкӯҳи ВМКБ ба даст оварда шудаанд. Дар раванди тадқиқот маҷмӯи васеи маълумот оид ба сатҳи сироятёбӣ, хусусиятҳои эпизоотологӣ ва самаранокии усулҳои мавҷудаи ташхис ва пешгирӣ ҷамъоварӣ ва таҳлил карда шуд.

Ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада бо маълумоти тадқиқотии муаллифони маъруфи дохилӣ ва хориҷӣ муқоиса гардида, монандиҳо ва фарқиятҳои илмӣ муайян карда шуданд. Дар асоси таҳлили муқоисавӣ тавсияҳои илмӣ-амалӣ ҷиҳати такмили назорати эпизоотологӣ, баланд бардоштани дақиқияти ташхиси саривақтӣ ва пешгирии паҳншавии брутселлёз таҳия ва пешниҳод гардиданд.

истифода шудаанд: дар ҷараёни тадқиқот манбаъҳои адабии дастрас, ки аз ҷониби муаллифони ватанию хориҷӣ вобаста ба мавзуи рисола пешниҳод гардидаанд, истифода шуданд. Рӯйхати адабиёт 163 манбаъро дар бар мегирад, ки аз онҳо 34 манбаъ – маълумотҳои муҳаққиқони тоҷик, 73 манбаъ – муҳаққиқони хориҷи наздик ба забони русӣ ва 56 манбаъ – муҳаққиқони хориҷи дур ба забони англисӣ мебошанд, ки маълумоти назариявию амалӣ оид ба хусусиятҳои эпизоотологии брутселлёз, роҳҳои паҳншавии он ва усулҳои муосири ташхису пешгириро дар бар мегиранд;

муайян шудаанд: дар хоҷагиҳои носолими қӯтоспарварӣ нисбат ба брутселлёз беш аз эмгузаронӣ гузаронидани ташхиси серологӣ бо усулҳои АРБ, АА ва ТИФ, инчунин эмгузаронии кӯтосҳо бо ваксинаи хайли 19 бори аввал дар синни 6–8-моҳагӣ ва такроран дар синни 18–22-моҳагӣ ҳамчун нақшаи мувофиқи мақсади пешгирии мушаххас муайян ва тавсия карда шуд;

истифода шудаанд: дар ҷараёни тадқиқот чорвои калони шохдор, кӯтосҳо, аҳолӣ ва хоҷагиҳои кӯтоспарварии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, бахусус ноҳияи Мурғоб, ҳамчун объекти тадқиқот истифода шуданд. Натиҷаҳои ташхисҳои бисёрсолаи серологӣ, бактериологӣ ва иммунологӣ имконият фароҳам оварданд, ки дар хоҷагиҳои нисбат ба брутселлёз мусоид, ҳайвоноти ба ин беморӣ мутаассиршуда сари вақт муайян карда шаванд.

Сахми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ: Муаллиф мустақилона ҳадаф, вазифаҳо ва самтҳои асосии тадқиқотро муайян карда, адабиёти илмиро оид ба масъалаи баррасишаванда таҳлил намуд, маводҳои бадастовардаро ҷамъоварӣ, систематизатсия ва аз ҷиҳати илмӣ арзёбӣ намуд. Муаллиф дар тадқиқоти эпизоотологии хоҷагиҳо, омӯзиши хусусиятҳои паҳншавии брутселлёз дар байни кӯтосҳо, интихоби мавод барои тадқиқоти озмоишӣ, тадқиқоти серологӣ, бактериологӣ ва аллергиявӣ, инчунин дар коркард ва тафсири маълумоти бадастоварда бевосита иштирок кардааст. Тадқиқот дар Маркази ташхиси байтории ноҳияи Мурғоби ВМКБ, Маркази миллии ташхиси бехатарии озуқавории Кумитаи бехатарии озуқавории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва озмоишгоҳи беморихои бактериявӣ ва зоонозии Институти тибби ветеринарии АИКТ гузаронида шудааст. Натиҷаҳои бадастомада аз ҷониби муаллиф мустақилона ҷамъбаст ва дар таҳияи мукаррарот, хулосаҳо ва тавсияҳои амалии рисола истифода шуданд.

Дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-039 рӯзи 29 сентябри соли 2026 қарор қабул гардид, ки ба Кашкулоев Маҳмадназар Шариповичи дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздихии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 8 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ ширкат доштанд, аз он 2 нафар доктори илм бо ихтисоси 4.3.2. Микробиологияи ветеринарӣ (вирусшиносӣ, эпизоотология, занбӯруғшиносӣ бо захрзанбӯруғшиносӣ, масуниятшиносӣ) мебошанд. Овоз доданд: тарафдор “8”- нафар, мукобил - нест, бетараф “нест”, варақаҳои беэътибор карда шуда - нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ветеринарӣ Амирбеков Мулоҷон

Котиби шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои ветеринарӣ Ҳасанов Фируз Давлатович

29 сентябри соли 2026